WORLD BANK GROUP

# МАШВАРАТҲОИ ГУРУҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

# СТРАТЕГИЯИ ҲАМКОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2031

Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ Стратегияи нави ҳамкорӣ дар Тоҷикистонро барои шаш соли оянда омода мекунад. Ин ҳуҷҷат самтҳои афзалиятноки дастгирии Гуруҳи Бонки ҷаҳониро дар кишвар муайян карда барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ нигаронида шудааст.

Барои роҳнамоӣ дар омода намудани ин стратегия Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бо тарафҳои мухталифи манфиатдор, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираҳои илмӣ, марказҳои таҳлилӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ машваратҳо гузаронида истодааст.

Ҳадаф аз гузаронидани ин машваратҳо ба даст овардани фикру андешаҳо дар бораи мушкилоти асосии марбут ба рушд, ки Тоҷикистон ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад ва дар бораи он самтҳое мебошад, ки Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бояд дастгирии худро равона созад, то дастгирии мазкур дар дурнамои дарозмуддат баҳри ноил шудан ба натиҷаҳо дар самти рушд, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъсиси теъдоди бештари ҷойҳои кории нав ва босифат таъсири ҳарчи бештари имконпазир дошта бошад.

Барномаи нав ба дастгирии гузариши Тоҷикистон аз иқтисоди ба интиқоли маблағҳои пулӣ асосёфта ба иқтисоди ба таъсиси ҷойҳои корӣ нигаронидашуда равона хоҳад шуд. Аз тарафи Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ се натиҷаи стратегӣ пешниҳод карда мешавад:

- *Баланд бардоштани амнияти энергетикӣ (бо таваҷҷуҳ ба дастгирии сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун);*
- *Афзоишдиҳии таъсиси ҷойҳои кории нав ва сармоягузории бахши хусусӣ;*
- *Таҳким бахшидани сармояи инсонӣ дар дурнамои дарозмуддат.*

Дастгирии иртиботи рақамӣ ва физикӣ ба қисми “Таъсиси ҷойҳои корӣ ва сармоягузориҳои бахши хусусӣ”  дохил карда мешавад.

Натиҷаҳои дар доираи стратегияи қаблӣ бадастомада дар қисми “Баррасии анҷомдиҳӣ ва дарсҳои андӯхта” оварда шудаанд: https://tajikistan360.worldbankgroup.org/

## ҶАДВАЛИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШАВАРАТҲО

---

- **15 декабри соли 2025**

**ш. Душанбе -** Машваратҳо бо намояндагон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳамкории зич бо Вазорати молия)

- **15 декабри соли 2025**

**ш. Душанбе -** Машваратҳо бо намояндагони бахши хусусӣ

- **26 январи соли 2026**

**ш. Душанбе -** Машваратҳо бо шарикони рушд (донорон, ташкилотҳои байналмилалӣ)

- **11 феврали соли 2026**

**шаҳри Бохтар, вилояти Хатлон -** Машваратҳо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷавонон, доираҳои илмӣ ва бахши хусусии вилояти Хатлон

- **12 феврали соли 2026**

**ш. Душанбе -** Машваратҳо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷавонон, доираҳои илмӣ, марказҳои таҳлилӣ

---

## МАШВАРАТҲО ДАР ШАКЛИ ОНЛАЙН – ФИКРУ АНДЕШАҲОИ ХУДРО ИБРОЗ НАМОЕД!

Мо мулоҳизаҳо ва фикру андешаҳоеро, ки дар шакли онлайн тамоми тарафҳои манфиатдори пешкаш мекунанд, истиқбол мекунем ва махсусан барои ҷавобдиҳӣ ба саволҳои зерин миннатдор хоҳем буд:

- *Муҳимтарин самтҳои афзалиятноки ислоҳот барои Тоҷикистон дар панҷ-шаш соли оянда кадомҳоянд? Ва барои чӣ?*
- *Оё самтҳои Стратегияи ҳамкории Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон афзалиятҳоеро инъикос мекунанд, ки Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар онҳо бартарияти нисбӣ дорад?*
- *Мушкилиҳои асосӣ дар самти ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушд кадомҳоянд?*
- *Бо дарназардошти захираҳои мавҷуда кадом барномаҳои мушаххаси сармоягузориро барои бартарафсозии ин мушкилиҳо муҳим мешуморед?*
- *Ба фикри Шумо, илова бар барномаҳои сармоягузории пешниҳодшуда кадом барномаҳои мушаххаси дастгирии таҳлилӣ ва техникӣ заруранд?*

Назарсанҷӣ дар шакли онлайн аз ***15 декабри соли 2025 то 28 феврали соли 2026*** гузаронида мешавад. Назари худро дар ин ҷо сабт намоед: https://forms.gle/wu55FLh6KPY2tqqGA

***Аз саҳми Шумо сипосгузорем!***